*Ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода 30)
E-mail: rajabova@rambler.ru*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳматзода Ҳайдар Бобо ба диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквории)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гардидааст, ба чунин сархатҳои Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисос мутобиқ мебошад: 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.2. Коркарди методология, усулҳои баҳодиҳӣ, таҳлил, қолабсозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низоми иқтисодӣ; 1.3. Ташаккули муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шакл ва тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиқи амалии онҳо; 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ; 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии

идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим, ки боиси ташаккулёбии равандҳои истеҳсолот ва ба низом даровардани тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб меравад ин ҷорӣ намудани инноватсия мебошад. Таҷрибаи беш аз 30-солаи рушди иқтисоди кишвар дар равандҳои муносибатҳои бозорӣ собит сохт, ки саноати кишвар ба рақобати комил ниёз дошта, барои рушди устувори инноватсионӣ, амалӣ гардонидани стартегияи тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ва ниҳоят, расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ кӯшиш ба харҷ дода истодааст.

Тағйироти куллии иқтисоди ҷаҳонӣ, ки солҳои охир ба чашм мерасад барои рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии кишвар, алалхусус ба саноати хӯрокворӣ замина гузошт. Ҳоло корхонаҳои саноати хӯрокворechter Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза дар сатҳи зарурӣ ба натиҷаҳои рушди устувори инноватсионӣ комёб нашудааст, аз ин рӯ, ҷорӣ намудани инноватсия ва дигар механизмҳои идоракунии инноватсиониро барои ишғоли мавқеи устувори ин соҳа дар бозори дохилию берунӣ ба мақсад мувофиқ медонем.

Бояд гуфт, ки сол то сол дар ҷумҳурӣ корхонаҳои хурду миёнаи саноати хӯрокворӣ аз ҷониби соҳибкорон ба истифода дода шуда, онҳо дар рушди низоми миллии инноватсионӣ замина мегузоранд. Аммо баъзе аз корхонаҳои саноати хӯрокворechter кишвар, ки аз солҳои пешин боқӣ мондаанд, ба талаботи нави муосир ва фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ ниёз доранд.

Аз ин рӯ, ҷанбаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионии Носирзода Ҳусейни Саъдулло ин таҳқиқи масъалаи идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, такмилдиҳии механизмҳои он, бартарафсозии хавфҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ҷории намудани инноватсия дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад, мубрамӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

**2. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун муваффақияти таҳқиқоти илмии унвонҷӯ ин навгониҳои илмии он мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки навгониҳои илмии диссертатсия аз дарёфт намудани масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ, муайян намудани самтҳои асосии низоми идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, мукаммалгардонии механизми идоракунии он ва таҳлилу арзёбии вазъи саноати хӯрокворӣ, инчунин, пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили усулҳои идоракунии онҳо иборат мебошад.

Унвонҷӯ масъалаҳои зеринро ҳамчун навгонии илмии кори таҳқиқотӣ пешниҳод намудааст, ки моҳияти аслии онро бедарназардошти тағйиротҳо дар матни диссертатсия мушоҳида намудан мумкин аст:

-Дар қисмати асосии таҳқиқоти илми унвонҷӯ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва методологиро дар бар мегирад, инро комилан мушоҳида кардан мумукин аст. Унвонҷӯ асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушди устувори инноватсиониро дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ муайян намуда, дар шароити имрӯза ҷорӣ намудани инноватсия ва ташаккули механизмҳои идоракунии онро дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ зарур мешуморад. Унвонҷӯ, асосҳои институтсионалии таъмини рушди инноватсионии саноат, унсурҳои асосии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, самтҳои асосии танзими давлатии идоракунии соҳаи инноватсия, шаклҳои асосии дастгирии корхонаҳои саноатӣ, принсипҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ ва равишҳои гуногуни методологии идоракунии рушди инноватсионии онро муайян карда, аз нуқтаи назари методӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст (саҳ. 15-43);

- Қайд кардан ба маврид аст, ки бо баррасӣ ва арзёбии масъалаи мазкур унвонҷӯ собит намудааст, ки дар шароити имрӯза, зарурати муайян намудани меъёрҳои мушаххасгардонии идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроковрӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷа меъёрҳои мушаххассозии пайдарҳамии ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ, меъёрҳои самаранокии идоракунии инноватсионӣ, шаклҳои нави идоракунӣ ва механизмҳои мусоири идоракунию омилҳои дохилӣ ва берунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ муайян карда шудаанд ва инро ҳамчун муваффақияти илмм шахсии унвонҷӯ ҳисобидан мумкин аст.

- Барои таҳлили нишондиҳандаҳои саноати хӯрокворӣ ва динамикаи рушди он унвонҷӯ дар кори диссертатсионии худ аз нишондиҳандаҳои омории кишвар истифода карда, вазъи имрӯзаи истеҳсолоти хӯрока ва фаъолияти корхонаҳои саноати хӯроквориро таҳқиқ намудааст. Унвонҷӯ доир ба фаъолсозии корхонаҳои аз фаъолиятмонда, баланд бардоштани сифати маҳсулот, идоракунии равандҳои инноватсионии он, хусусан банақшагирии маркетингӣ ва молиявӣ, арзёюии беҳтаршавии фаъолияти саноати хӯрокворӣ дар асоси усули таҳлили SWOT ва бартараф намудани монеаҳои иқтисодӣ низ ақидаҳои худро пешниҳод намудааст, ки ин масъала як қатор роҳу воситаҳои самаранокро ба миён меоварад (саҳ. 56-79);

- Унвонҷӯ дар таҳқиқоти илмии худ усулҳои муосири баҳодиҳии истеҳсолоти саноати хӯроквориро вобаста ба вазъи истеҳсолоти корхонаҳои

саноати хӯрокворӣ, сатҳ ва сифати маҳсулот тахия кардааст, ки ин ҳамчун роҳҳои таъмини устувории рушди инноватсионӣ дар шароити имрӯза маҳсуб меёбад ва асоснокии онро дар матни диссертатсия дидан мумкин аст;

- Қисми дигари муваффақияти илмии уновонҷӯ таҳқиқи омилҳо ва механизмҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ мебошад, ки бо механизми асосноки идоракунии самараноки корхонаҳои санотии хӯрокворӣ муайян ва якчанд нуктаи назар пешниҳод гардидаанд, ки ин қобили дастгирӣ мебошад (79-104);

- Хотимаи таҳқиқоти диссератсионии унвонҷӯ бо он асоснок гардидааст, ки он бештар ба таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ такя намуда, ин масъаларо аз як чанд нуқтаи назар илман асоснок кардааст. Инчунин, як чанд модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватионии корхонаҳои саноатӣ ва дигар чораҳо оид ба самаранокии идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва паст кардани хавфҳои инноватсионӣ пешниҳод гардида, дурнамои самаранокии фаъолияти инноватсионию идоракунии онро тавассути модел коркард намудааст.

Дар сатҳи сазовор гардидан ба дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ин мавқеи шахсии унвонҷӯ дар мустаҳкамкунии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад. Аз ин лиҳоз баёни нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия унвонҷӯ мазмунан дар чунин шакл оварда шудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад:

- мавқеи якуми муаллиф дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таҳқиқи асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ва ба низом даровардани рушди инноватсионии саноатӣ асос ёфта, роҳҳои такмили идоракунии онҳо, баланд бардоштани сифати фаъолияти инноватсионӣ ва тезонидани ҷараёни инкишофи равандҳои инноватсиониро дар сатҳи назариявӣ ошкор ва таърифи такмилшудаи инноватсияро муаллиф пешниҳод намудааст, ки ин масъала қобили дастгирӣ мебошад;

- дар таҳқиқот меъёрҳои мушаххасгардонии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар шароити муосир таҳлил гардида, заминаҳои ташаккули онҳо мушаххас карда шудааст;

- унвонҷӯ таҳлили нишондиҳандаҳои саноати хӯрокворӣ ва динамикаи рушди онро баррасӣ намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сифати маҳсулот, идоракунии равандҳои инноватсионии он, хусусан, банақшагирии маркетингӣ ва молиявӣ, инчунин, паҳн намудани маҳсулоти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст;

- дар диссертатсия фаъолгардонӣ ва такмили рушди устувори низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаи саноат таҳқиқ гардида, барои нав кардани механизми он ва такмил додани низоми инноватсионии миллӣ, нав кардани фондҳои асосии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд;

- аз ҷониби муаллиф модел барои таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таҳия гардида, бо назардошти таҷрибаҳои давлатҳои пешсаф истифодаи он дар соҳаи саноат самаранокии инноватсияро таъмин хоҳад кард.

**3. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти назариявии таҳқиқоти унвонҷӯ дар амиқ намудани низоми миллии инноватсионӣ, самаранокии идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ баён гардида, иловатан ҷанбаҳои дигари масъаларо унвонҷӯ вобаста ба нав кардани механизмҳои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, ташкили фондҳо, такмили методикаи идоракунӣ ва гузариш ба модели нави идоракунии рушди устувори инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин дар муайянсозии ҷанбаҳои муҳими танзими истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва таҳияи консепсияи механизми рушди инноватсионӣ баён гардидааст. Ҳамзамон, паҳлуҳои дигари таҳқиқотро хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада ташкил медиҳанд, ки ин метавонад ба фаъолияти муътадили инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, алалхусус, саноати хӯрокворӣ бо мақсади таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионӣ таъсирбахш бошад.

Гуфтан ба маврид аст, ки равишҳои амалӣ ва натиҷавии масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар таҳлилҳои боби дуюм ва дурнамои рушди онро дар боби сеюм баён намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсиониро заминаҳои бунёдии ташаккул ва идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо назардошти идоракунии самараноки инноватсионӣ ташкил намуда, он аз сарчашмаҳои мушаххас таркиб ёфтааст ва ин масъала муваффақиятҳои амалии кори унвонҷӯро инъикос менамояд (саҳ 56-164). Иловатан, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот метавонад аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои саноатии кишвар ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии

идоракунии рушди инноватсионӣ ва сафарбарнамоии онҳо дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ истифода гардад.

Бар замми ин, маводҳои таҳиқотро метавон дар раванди тадриси фанҳои "Асосҳои инноватсия", "Менеҷмент", "Менеҷменти инноватсионӣ", "Идоракунии корхонаҳо", "Иқтисодиёти саноат", "Иқтисодиёти инноватсионӣ", "Иқтисодиёти рақамӣ", "Соҳибкории инноватсионӣ" дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ истифода бурд.

Таҳқиқоти илмӣ аз асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар дисссертатсия овардашуда иборат буда, ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф дар натиҷаи омӯзиши адабиётҳои олимони ватанию хориҷӣ ва сарчашмаҳои соҳавӣ роҳҳои дурусти идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатиро муайян ва консепсияи рушди онро коркард кардааст. Инчунин, ҳамаи таҳлилҳо бо далелу рақамҳои омории вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шуда, пешниҳоду таҳлилҳои нишондодашуда метавонанд дар сатҳи зарурӣ ба рушди ҳаматарафаи низоми миллии инноватсионии кишвар ва низоми инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ мусоидат намоянд.

Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳқиқот роҳҳои такмили низоми идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, аз қабили таҳияи назария ва методологияи идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, муайянкунии механизмҳои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ, сармоягузории давлатӣ барои техника ва технологияҳои инноватсионӣ, ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ, консепсияи механизми идоракунии инноватсияҳо, инчунин хавфҳои инноватсионӣ ва ғайраро пешниҳод намудааст.

**4. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо ҳамаи он вазифаҳое, ки оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, яъне, дар доираи идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, дар назди унвонҷӯ гузошта шуда буд, ба пуррагӣ иҷро шудаанд. Инчунин муайян намудан мумкин аст, ки дар раванди таҳқиқот мақсадҳои гузоштошуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин раванд муаллиф масъалаҳои асосии идоракунии рушди устуовори инноватсиониро мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба такмили он дар сатҳи институтсионалӣ пешниҳодҳои илман асоснок намудааст. Фарзияи таҳқиқоти унвонҷӯ эҳтимолияти баланди татбиқшавӣ дошта, онро аз рӯи натиҷаи пешниҳодҳою моделҳо низ муайян намудан имконпазир аст.

**5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба талабот ҷавобгӯ буда, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда

иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 186 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, 22 ҷадвал, 3 диаграмма, 23 расм ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 194 сарчашмаро дар бар мегирад.

Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тафсири онро дар алоҳидагӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар боби аввали диссертатсия ки **«Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди устувори инноватсионии саноат»** ном дорад, унвонҷӯ бештар таваҷҷӯҳи худро ба баррасӣ намудани мафҳумҳои асосии инноватсия, ҷанбаҳои фалсафии инноватсия, рушди устувори инноватсия, идоракунии инноватсия, сиёсати инноватсионӣ, саноати хӯрокворӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва равишҳои гуногуни методологии идоракунии рушди инноватсионӣ, принсипҳои рушди устувор ва асосҳои институтсионалии таъмини устувори соҳаи саноати хӯрокворӣи тааллуқдошта равона намудааст. Ҳамзамон, масъалаҳои асосҳои назариявии инноватсия, идоракунии инноватсия, рушди устувори инноватсионӣ ва заминаҳои институтсионалии ташаккули онҳо, мактаби афкори иқтисодии инноватсионии миллӣ, сатҳҳои рушди устувори инноватсионӣ, ҳадафҳои рушди устувори инноватсионӣ, таъсири инноватсия дар соҳаи саноати хӯрокворӣ ва унсурҳои асосии устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қайд гардидааст, ки барои таъмини рушди устувори инноватсионӣ корхонаҳои саноатиро зарур аст, пеш аз ҳама, ба идоракунии рушди устувор, унсурҳои асосии рушди устувори инноватсионӣ, ки марҳила ба марҳила ҷудо мешавад, рушди истеҳсоли саноатӣ, маърифати техникӣ-молиявӣ, ҳадафҳои рушди инноватсионӣ, яъне рушди экстенсивӣ, рушди интенсивӣ ва рушди инноватсионӣ, рақобатпазирии истеҳсолӣ, самаранокии инноватсионӣ ва идоракунии босифат аҳаммияти ҳамаҷониба дода, роҳҳои идоракунии самаранокро ба назар гиранд. Зеро рушди иқтисодии ҳар як кишвар аз низоми инноватсионии корхонаҳои саноатӣ вобастагии зиёд дошта, тақозо мекунад, ки идоракунии инноватсионӣ дар онҳо дар сатҳи зарурӣ бошад ва бозори истеҳсолиро бо маҳсулоти ватанӣ таъмин намояд.

Аз диди унвонҷӯ идоракунии рушди инноватсионӣ ҷузъи муҳимми иқтисодиёт буда, онро ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ ва яке аз механизмҳои асосӣ дар ин низом мешуморад. Бинобар ин, яке аз унсури муҳими низоми иқтисоди давлат ин низоми идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ба шумор рафта, ҳадафи аслии он таъмини амнияти озуқаворӣ, мукаммалгардонии идоракунии инноватсионӣ ва рушди босуботи иқтисоди инноватсионӣ, инчунин, таъмини маҳсулоти хушсифат ба мизоҷон

маҳсуб меёбад ва дар рушди сохторҳои алоҳидаи иқтисодии кишвар нақши ҳалкунанда дорад.

Дар ҳақиқат тибқи ақидаи унвонҷӯ муайян намудан мумкин аст, ки корхонаҳои саноти хӯроквори қисми асосии рушди иқтисоди миллии ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани идоракунии рушди устувори инноватсионӣ низоми инноватсионии миллиро вусъат мебахшанд. (саҳ. 15-43)

Натиҷаи назаррасе, ки дар таҳқиқоти илмӣ дида мешавад ин саҳми муаллиф дар таҳқиқи назариявии мафҳуми инноватсия, ташкили мактабҳои афкори иқтисодии инноватсионии миллӣ, рушди устувор иқтисодиёт, идоракунии инноватсия ва рушди инноватсионии корхона ба ҳисоб меравандд.

Дар ин замина муаллиф қайд мекунад, ки инноватсия ин яке аз фишангҳои таъсиррасони рушди истеҳсолӣ, омили идоракунӣ ва фаъолнамоии ҷараёнҳои истеҳсолот тавассути техника ва технологияҳои муосир буда, барои ба амал баровардани молҳои намуди нав равона мегардад. Ҳамчунин, дар диссертатсия исбот шудааст, ки ҷорӣ намудани инноватсия дар корхонаҳои саноатӣ сифати маҳсулот ва самаранокии идоракунии он ба вуҷуд ояд.

Ба ақидаи муаллиф, гузариш ба рушди устувори инноватсионӣ барои кишвари мо мушкилӣ эҷод мекунад. Бинобарин бо тақозои замон Тоҷикистонро зарур аст, ки барои дар сатҳи зарурӣ расидан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионии саноатӣ ба се сатҳи рушдёбӣ, - макро, мезо ва микро диққати аввалиндараҷа диҳад. Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки корхонаҳои саноатии ватанӣ айни замон, дар шароити зуҳуроти манфии ҳам хусусияти объективӣ ва ҳам субъективӣ қарор гирифта, ба натиҷаҳои рушди устувори инноватсионӣ дар сатҳи зарурӣ комёб нашудаанд. Барои комёб шудан ба рушди устувори инноватсионӣ ҷорӣ намудани равандҳои нави инноватсионӣ, механизм ва дигар усулҳои нави идоракунӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Муаллифи диссертатсия таҷрибаи давлатҳои ҳамсояро доир ба масъалаҳои идоракунии инноватсия ва рушди утсувори инноватсионӣ, ташкили фондҳо ва маблағгузорӣ ба ин самт мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати ташкили фондҳои махсус ва маблағгузорӣ ба ин самт, методологияи идоракунии рушди инноватсионӣ пешниҳодҳои илман асоснок намудааст.

Боби дуюми диссертатсияи муаллиф **“Таҳлили вазъи муосир ва арзёбии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дорад, ки дар он натиҷаҳои таҳлили вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ, арзёбии фаъолият ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, таҳлили омилҳои ба рушди устувори

инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон, ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи илм ва инноватсия мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтанд.

Тавре ки унҷонҷӯ қайд менамояд, устуворӣ ва пешрафти фаъолияти корхонаҳои саноатӣ аз ҷорӣ намудани идоракунии босифат, инноватсия ва истифодаи усулҳои нави муосир вобастагии зиёд дошта, дар раванди афзоиш додани истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати маҳсулот дар баробари омилҳои объективӣ таъсири омилҳои субъективӣ низ нақши ҳалкунанда дорад.

Вобаста ба ин, арзёбии беҳтаршавии фаъолияти саноати хӯрокворӣ дар асоси таҳлили SWOT тавсияҳо пешниҳод шудааст, ки дар он ҷиҳати қавию заифии корхона муайян карда шудаанд (саҳ.71-72).

Ба андешаи унҷонҷӯ таҳлили SWOT нишон медиҳад, ки фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣи кишвар аз тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо иборат мебошад. Аз ин рӯ ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо назардошти рушди босуръати равандҳои инноватсионии давлатҳои пешсаф ба фаъолияти корхонаҳои саноатии мамалкати мо таҳдидҳои берунӣ ва пайдошавии тарафҳои қавию заифӣ, инчунин, имкониятҳо низ ба вуҷуд меоянд (саҳ.72-73)

Дар кори таҳқиқотӣ як чанд масъалаҳои низоми идоракунии инноватсионӣ аз қабили ба вуҷуд омадани хавфҳои инноватсионӣ, сифати маҳсулот, таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, кам кардани таҳдидҳо ба фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, сиёсати саноатии кишвар, барномаю лоиҳаҳои инноватсионӣ ва идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шудааает. Бар замми ин, роҳҳои бартараф намудани масъалаҳои дарпешистода низ дида баромада шуда, муаллиф доир ба ин як чанд пешниҳодҳои муфид намудааст.

Ҳамчунин, дар боби сеюм диссертатсия **“Самтҳои асосии такмили идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ”** ном дорад, ки дар он масъалаҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии саноати хӯрокворӣ, таъмини рушди устувори инноватсионӣ, роҳҳои самараноки идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ, баланд бардоштани рақобатнокӣ, дастгирии молиявӣ ва таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст.

Дар асоси ақидаи муаллиф, гузаштан ба ҷамъияти пасоиндустриалӣ, ки хеле вусъат ёфтааст, ба як қатор пешравиҳо ноил гардидааст, ки он махсусан ба ташаккули идоракунии рушди инноватсионӣ вобаста аст. Ҳамзамон, аз сабаби тамоюли ҷаҳонӣ ва имкониятҳои афзоиши суръати баланди прогресси илмию техникӣ рушди иқтисоди миллӣ ба идоракунии муосир ва механизмҳои

танзимшавандаи соҳаҳои саноат ниёз дорад. Ба воситаи идоракунии муосир ва механизмҳои танзимшаванда соҳаи саноат метавонад марҳила ба марҳила рушд карданаш мумкин аст.

Ҳамзамон, самти дигари такмили сиёсати инноватсионӣ ва саноатии корхонаҳои хӯрокворӣ ин таъсиси фазои мусоид ва беҳтар намудани муҳити иқтисодии он дар доираи буҷетӣ, пулӣ, андоз ва сиёсати берунии иқтисодӣ мебошад (саҳ. 118-119).

Дар ҳақиқат, афзоиши суръати баланди прогресси илмию техникӣ маҷбур месозад, ки таъсиси фазои мусоид ва беҳтар намудани муҳити иқтисодии корхонаҳои саноатӣ дар доираи буҷетӣ, пулӣ ва сиёсати берунии иқтисодӣ ба миён оянд ва роҳҳои ҷадиди ҷалби сармояро дарёфт намоянд. Ин масъаларо, унвонҷӯ, низ баррасӣ намуда иброз доштааст, ки тибқи талаботи имрӯза корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бояд аз техника ва технологияҳои муосир васеъ истифода бурда, кору хизматрасонии худро ҳангоми пешниҳоди маҳсулоти хушсифат ба мизоҷон осон гардонад (саҳ.120-121).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки унвонҷӯ ба масъалаҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ дар шароити имрӯза таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудааст. Ба ин масъалаҳо гузаштан ба иқтисоди рақамӣ, ташкили платформаи рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ хӯрокворӣ, таҳияи стратегияи идоракунии хавфҳои инноватсионӣ, таҳияи стратегияи рушди саноати хӯрокворӣ, ташкили озмоишгоҳҳои "рушди устувор", дастрасии стартапҳо, ҳамгироии илм бо амалия, ташкили фондҳои венчурӣ, механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ, таҳияи консепсияи механизми идоракунии инноватсионӣ ва татбиқи усулҳои нави идоракунии муосир ва ғайраро дохил намудан мумкин аст. Яъне тавассути ҳалли ин масъалаҳои зикр шуда рушди низоми инноватсионии миллӣ ва низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатиро низ ташаккул додан мумкин аст, ки ин дар таҳқиқот мушоҳида карда мешавад

Инчунин муваффақияти кори таҳқиқотии уновонҷӯро дар пешниҳодҳо ва хулосаҳо ба пуррагӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

**8. Камбудӣ ва эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Бар замми он ки таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки боислоҳи онҳо моҳияти илмию амалӣ ва методологии диссертатсия беҳтар мешавад:

1. Дар боби аввал унвонҷӯ бештар ба инноватсия такя намудааст, аммо рушди устувори инноватсионӣ ва идоракунии он дар ин боб кам ба назар

мерасад, хуб мешуд, агар унвонҷӯ бештар ба ин масъала низ диққат медод (саҳ.15-20).

2. Дар расми 1.2.-и боби аввал, ки унсурҳои асосии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ном гирифтааст, унвонҷӯ фаъолияти корхонаҳои саноати хӯроквориро марҳила ба марҳила ҷудо намудааст, аммо таҳлили марҳилаҳои овардашуда аз мадди назари унвонҷӯ дур мондааст (саҳ.28).

3. Сарфи назар аз фаровонии маводи омории истифодашуда маълумотҳои омории соли 2023 аз мадди назари унвонҷӯ дур мондааст.

4. Дар саҳифаи 44 матни диссертатсия унвонҷӯ дар ҷадвали 1.5. Назарияи намояндагони мактабҳои муосири иқтисодиро пешниҳод намудааст. Агар хуб мешуд унвонҷӯ ҷиҳатҳои мусбат ва манфии мактабҳои мазкурро дар кор васеътар нишон медод ва беҳтар мешуд агар муайян менамуд, ки кадоме аз ин мактабҳо ба низоми инноватсионии муосир ҷавобгӯ аст (саҳ. 44).

5. Дар боби дуюм саҳифаҳои 71-уми кори диссертатсионӣ таҳили SWOT вазъи кунунии корхонаҳо нишон дода шудааст, аммо ба таҳлили амиқи он унвонҷӯ диққат надодааст, беҳтар мебуд тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳои ин ҷадвалро возеътар баён менамуд (саҳ.71-72).

6. Дар расми 2.4., ки меъёрҳои мушаххассозии пайдарҳамии ташкили фаъолияти инноватсионӣ ном гирифтааст, таҳлили ин расм пурра шарҳ дода нашудааст, хуб мешуд расми мазкур пурра шарҳ дода ва мақсади он баён мегашт. (саҳ.80)

7. Дар боби сеюм дар расм 3.8. самтҳои асосии идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии соҳаи саноати хӯроквориро муаллиф хуб ҷой додааст, аммо дар расм ба таври возеъ мақсаду вазифаҳо, таҳияи вазифаҳо баён нагаштаанд (саҳ.120).

8. Дар саҳифаи 136-уми боби сеюми диссертатсия унвонҷӯ доир ба платформаҳои рақамии саноати хӯрокворӣ ва бартарафсозии мушикилоти саноатӣ дар асоси ташкили платформаи рақамӣ ақидаи худро баён намудааст, аммо хуб мешуд, муаллиф сохтори ташкили платформаи рақамии корхонаҳои саноати хӯроквориро тавсир менамуд (саҳ.136).

Бояд гуфт, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунанд.

Меъёри дигаре, ки амсилаҳои таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯро инъикос менамояд, ин нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ мебошад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар 15 мақолаҳои илмӣ баён кардааст, аз

ҷумла 6 – тои он дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки ба талаботи интишорот мувофиқат мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Носирзода Ҳ.С. ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**9. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд ва дар умум, кори таҳқиқотии мазкур пурра баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквори)" нишон дод, ки он аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди
ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссия ва
Тоҷикистон Раҳматзода Ҳайдар Бобо

Суроға:
734000, Республикаи Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Мирзо Турсунзода, 30.
Телефон: (992) 907 753 981; E-mail: haydar57@mail.ru

**Дурустии имзои Раҳматзода Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДСРТ Раҳимов А.А.**